**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи «Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Шӯхии Хуҷандӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик**

Баррасии рӯзгор, осор ва махсусиятҳои осори шоирони ҳавзаи Хуҷанд, бо он ки дар бораи ин ҳавзаи адабӣ тазкираҳои хубе, аз ҷониби профессорон Э.Шодиев ва А.Насриддин навишта шудаанд, бисёр паҳлӯҳои адабиёти давра ва махсусиятҳои инъикоси муҳимтарин падидаҳои адабиро дар эҷодиёти як ё якчанд шоир боз мекунад. Аслан, адабиёт ва сабку анъанаҳои он, бо он ки дар давраҳои муайян гароишҳои умумӣ доранд, дар зеҳну халлоқияти ҳар шоир, нависанда ва умуман эҷодкор ба таври махсус бархӯрд карда мешаванд. Аз ин хотир, риояи анъанаҳои адабиёти классикии форсӣ-тоҷикиро дар эҷодиёти Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ ба таҳқиқ кашидани Ҳайдарова Бисаноат масъалаи хурде нест.

Рисола, ки ба фишурдаи он тақриз медиҳем, аз муқаддима, чаҳор боб, дувоздаҳ фасл ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Масъалаи боббандии он ва зина ба зинаву қадам ба қадам баррасӣ кардани мавзӯъ ба шакли аҳсан ва мувофиқ ба меъёрҳои илми адабиётшиносии муосир буда, муаллиф охирон кӯшишро кардааст, то дар ростои шинохти масъала ва пардозиши илмии он саҳми худро гузорад ва ҳам таҳқиқоти то имрӯз рӯи коромадаро низ дар зери даст дошта бошад. Чунин бархӯрд бо масъалаи таҳқиқ арзиши рисола ва, ҳамзамон автореферати онро низ боло мебарад. Аз дигар падидаҳои муҳассани рисола он ки муаллиф чун дигарон ба баррасии рӯзгор ва осори шоир, ки кори кайҳо баанҷомрасида аст, напардохта, масъалаи таҳаввулоти адабии замони Шӯхӣ ва баррасии таърихи таҳқиқи рӯзгор ва осори ӯро дар асоси таҳқиқоти суратгирифта ва нишон додани бурду бохти онҳоро ба миён мегузорад, ки як навъ фарохназарии муаллифи рисоларо нишон медиҳад.

Гӯшаҳои дигари ин таҳқиқот, ки аз баррасии таркиби жанрии девони шоир, нусхашиносии девон, муҳтавои осор, бархӯрди шоир бо ирфон, бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъор, масоили сабку сувари хаёл дар шеъри Шӯхӣ, авзону қофияву радиф ва амсоли ин барои нишон додани тамоми заминаҳои таҳқиқот хеле судманданд. Ҳамчунин, дар радифи мавзӯъ ва муҳтавои девони шоир, ба риштаи таҳқиқ кашидани сабк ва васоили сабкии шеър, яъне сувари хаёл ва хасисаҳои забонии ашъори шоир, ки аз нуктаҳои камомӯхташудаи шеъри ӯ ва умуман аксари шоирони ҳамзамонаш аст, бояд алоҳида зикр ва қадр шавад.

Вале аз он ҷо, ки ягон кор бекамбуд нест, чанд нуктаеро бароиислоҳи кор ва сифати боз ҳам хубтари он ироа медорем:

Нахуст, он ки муаллифи рисола, чунонки аз автореферати он ҳам бармеояд, дар масъалаи номгузории фаслҳо бояд бештар диққат диҳад. Чунончи, номи фаслҳои «Таркиби жанрии девони Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ» (боби аввал, фасли ду) ва «Муҳтаво ва таркиби осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ» (боби ду, фасли аввал) аз ҷиҳати оҳангнокӣ ва истилоҳи адабиётшиносӣ наонқадар дуруст аст. Хуб мебуд, фасли ахируззикр «Муҳтаво ва мундариҷа...» номгузорӣ мешуд, чун истифодаи калимаи «таркиб» дар мавқеи мавзӯъ ва мундариҷа дуруст наменамояд.

Сонӣ, он ки дар автореферат фасли «Нигоҳе ба таърихи таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ» (с.10) хеле мӯҷаз муаррифӣ шудааст, ки хонанда аз он роҷеъ ба фасли мазкури рисола маълумоти кофӣ ба даст оварда наметавонад.

Солисан, бояд ғалатҳои имлоӣ (с. 9, 11, 13...) ва услубӣ «...доираи адабиёти Мовароуннаҳр...» (с.4), «Яке аз усулҳои ироаи маъниҳои хотир (?) дар ашъори Шӯхӣ ин ба асмои таърихӣ ва динӣ мебошад» (с.15) ҷиддан бозбинӣ шаванд.

Эродҳои мазкур ҳаргиз арзиши амалӣ ва илмии рисола ва фишурдаро кам намекунад. Хулосаи мо ин аст, ки автореферати рисолаи Ҳайдарова Бисаноат Умаровна дар мавзӯи «Анъанаҳои адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар осори Мирзо Шӯхии Хуҷандӣ» дастоварди

хуби илмӣ ва пурра ба талабот ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик сазовор мебошад.


Номзади илмҳои филология,
Директори Муассисаи давлатии
«Маркази илмии Камоли Хуҷандӣ» Раҳматов Бахром Аҳмадҷонович

Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Хуҷанд, кӯчаи ак. Раҷабовҳо, 59.
Тел.: (83422) 6 12 27. +992 92 794 41 09.
E-mail: raxmatov.1987@mail.ru

Имзои Раҳматов Б.А.-ро тасдиқ мекунам:
Шуъбаи кадри МД «Маркази илмии
Камоли Хуҷандӣ» Хосияти Шаҳобиддин

Нишона: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш.Хуҷанд, кӯчаи ак. Раҷабовҳо, 59.
Тел.: +992 92 877 68 67.
E-mail: kamoli-khujandi@mail.ru


13 августи соли 2021.

Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Суғд
шаҳри Хуҷанд
Муассисаи давлатии
"Маркази илмии
Камоли Хуҷандӣ"
№ 5
"13" 08 с.2021